Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо суроғаи 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14

# ТАҚРИЗ

ба автореферати рисолаи номзадии Саидаҳмадов Фаррух Бобоқулович дар мавзӯи «Такмили танзими давлатии сармоягузории кишоварзии минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ

Борҳо дар баромадҳои Роҳбари давлат қайд карда мешавад, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро ба самти ноил шудан ба ҳадафҳои дар Стратегияи миллии рушд пешбинигардида равона карда, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардумро тавассути ҳалли масъалаҳои пешрафти устувори иқтисодӣ, тақвияти нерӯи инсонӣ, такмили низоми идораи давлатӣ, тавсеаи имкониятҳои содиротии мамлакат, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ, инкишофи бахши хусусӣ ва беҳбуди вазъи бозори меҳнат ҳадафи олии худ эълон намудааст.

Воқеан ислоҳоти иқтисодии тайи солҳои охир амалишуда ба беҳтар гардидани фазои соҳибкориву сармоягузорӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ, аз ҷумла сармояи мустақим мусоидат карда истодааст. Баҳри таъмин намудани пешрафти соҳаи кишоварзӣ ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ аз ҳисоби лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва буҷети давлат дар давраи соҳибистиқлолӣ беш аз 12 миллиард сомонӣ равона карда шудааст.

Дар боби сеюми диссертатсия самтҳои асосии такмили низоми давлатии фаъолияти сармоягузории истеҳсолоти кишоварзиро омӯхта, танзими давлатии фаъолияти сармоягузориро дар соҳаи комплекси агросаноатӣ баҳодиҳи намуда, модели танзими фаъолияти сармоягузории истеҳсолоти кишоварзии минтақаи Хатлонро пешниҳод кардааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар модели регрессионии вобастагии МММ аз сармоягузорӣ коэффитсиенти детерминатсия $R^2 = 0,9137$

ба ҳисоби миёна ба як воҳид (сомонӣ) МММ меафзоад. Дар модели овардаи муаллиф вобастагии сарчашмаи умумии сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон нисбат ба сармоягузории зарурӣ ба хоҷагиҳои деҳқонӣ дида баромад шудааст.

Ба замми таҳлил ва омӯзиши амиқи предмети кори илмӣ, ки муаллиф аз тариқи роҳу усулҳои муаллифӣ таҳқиқи онро ба роҳ мондааст, баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд, ба монанди:

а) дар автореферати диссертатсия шумораи зиёди ҷадвалҳоро овардааст, аммо аз таҳлили онҳо ягон хулосабарорӣ ва роҳҳои ҳалли мушкилоти ҷойдоштаро пешниҳод накардааст, ки ин ҳолат метавонад аз таҳқиқи ноустувори объект ва предмети диссертатисия шаҳодат диҳад.

б) муаллиф дар автореферат на ҳама нуктаҳои навгонии илмиро дар шакли ҷадвалҳои муаллифӣ ва пешниҳодҳои асосноккардашуда накушодааст, ки ҳолати мазкур барои натиҷаҳои таҳқиқот он қадар манфиатнок нест.

Бояд қайд намуд, ки эродҳои гирифташуда нисбат ба автореферати диссертатсия характери тавсиявӣ дошта, арзиши илмии таҳқиқотро коста намегардонанд.

Ҳамин тариқ, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки мазмуни автореферати тақризшаванда пурра ба диссертатсия мувофиқат менамояд ва мақолаҳои нашркардаи муаллиф ба мазмуни автореферат мувофиқ мебошанд ва Ф.Б.Саидаҳмадов сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

**Доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ**
**Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ дар**
**шаҳри Хуҷанд** **Азимов А.Ҷ.**

**Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**Вилояти Суғд, ш.Хуҷанд Хиёбони Исмоили Сомонӣ 169**
**Тел(83422)6-18-60, 927791854**
**E – mail: mavlon_1954@mail.ru.**

**Имзои Азимов А.Ҷ-ро тасдиқ мекунам:**
**Мудири шуъбаи кадрҳои Донишкадаи**
**иқтисод ва савдои ДДТТ дар шаҳри Хуҷанд** **Маҳмудов Ш.У.**